**ХУЛОСАИ**
**Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти**
**дараҷаи илмии номзади илм**
**Парвандаи аттестатсионии №__**
**Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 24-уми декабри соли 2020, № 18**

Барои сазовор донистани Сайфиддинова Гулчеҳра Азимовна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ.

Диссертатсияи «Инъикоси масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар матбуоти даврии Тоҷикистон (дар заминаи маводи нашрияҳои «Ҷумҳурият» ва «Озодагон» – 2000-2015)», ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ, рӯзи 17 сентябри соли 2020 (қарори №9) аз ҷониби Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-22 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми марти соли 2020, №61) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Сайфиддинова Гулчеҳра Азимовна соли таваллудаш соли 1986, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, айни замон ба ҳайси лаборанти кафедраи матбуоти факултети журналистикаи ДМТ фаъолият дорад.

Диссертатсия дар кафедраи матбуоти факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои филологӣ, профессор – **Муродӣ Мурод Бердӣ**.

**Муқарризони расмӣ:**

1. **Муъминҷонов Зулфиддин** – доктори илмҳои филологӣ, дотсент, декани факултети режиссура, кино ва телевизиони МОТ ДДФСТ ба номи Мирзо Турсунзода;
2. **Раҳимҷонов Хушдил** – номзади илмҳои филологӣ, сармуҳаррири Муассисаи давлатии маҷаллаи «Илм ва ҳаёт», ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Муассисаи таълимии байнидавлатии таҳсилоти олии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби мудири кафедраи ВАО ва PR, доктори илмҳои филология, профессор Муллоев Ш.Б. имзо ва аз ҷониби ректори он профессор Ҳоҷазода Т.А. тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Сайфиддинова Гулчеҳра «Инъикоси масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар

матбуоти даврии Тоҷикистон (дар заминаи маводи нашрияҳои «Ҷумҳурият» ва «Озодагон» – 2000-2015)» аз ҷиҳати интихоби мавзӯъ хеле мубрам буда, ба яке аз масъалаҳои муҳимми илми журналистикаи тоҷик бахшида шудааст.

Диссертатсия дар сатҳи баланди илмӣ навишта шудааст ва бо навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалиаш ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидаанд, ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи он барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ сазовор аст.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда бо он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевосита дар соҳаи журналистика ва публитсистикашиносии тоҷик буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок намуда, дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмун ва муҳтавои онҳо ба мавзӯи диссертатсияи мазкур наздикӣ дорад.

Унвонҷӯ доир ба мавзӯи диссертатсия 8 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин шумора 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф аз рӯйи мавзӯи диссертатсия:**

**I. Маҷаллаҳои тасдиқнамудаи КОА ҶТ**

[1-М]. Сайфиддинова, Г. Инъикоси баъзе мушкилоти муҳоҷирати меҳнатӣ дар нашрияҳои “Ҷумҳурият” ва “Озодагон” (2012-2013) / Г. Сайфиддинова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Сино, 2014. - №4/6 (146). – С. 291-295.

[2-М]. Сайфиддинова, Г. Инъикоси масоили муҳоҷирати меҳнатӣ дар нашрияи “Озодагон” / Г. Сайфиддинова // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе: 2017. - №4 (71). – С.148-152.

[3-М]. Сайфиддинова, Г. Ташаккули имиҷи муҳоҷирони меҳнатӣ дар матбуоти хусусӣ (дар мисоли нашрияи“Озодагон”) / Г. Сайфиддинова //

Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе: 2018. – №5-1 (77). – С.188-192.

[4-М]. Сайфиддинова, Г. Имконоти жанрӣ дар инъикоси масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ (дар мисоли рӯзномаи "Ҷумҳурият") / Г. Сайфиддинова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Маркази таъбу нашр, баргардон ва тарҷума, 2019. – №1.– С. 312-315.

## II. Маҷалла ва маҷмӯаҳои илмии дигар

[5-М]. Сайфиддинова, Г. Масъалаи муҳоҷирати меҳнатӣ дар нашрияи "Озодагон" / Г. Сайфиддинова // Маводи Конференсияи дуюми Ҷумҳуриявии илмӣ–назариявии олимон ва муҳаққиқони ҷавони ДМТ "Донишгоҳи миллии Тоҷикистон – Маркази тайёр кардани мутахассисони соҳибунвон" бахшида ба 25-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 17-18 майи соли 2016. – Душанбе: 2016. – С. 109-112.

[6-М]. Сайфиддинова, Г. Инъикоси масоили муҳоҷирати меҳнатӣ дар сомонаи "Комсомольская правда" / Г. Сайфиддинова // Маводи Конференсияи Ҷумҳуриявии илмӣ – назариявии олимони ҷавони ДМТ "Мактаби сулҳпарваронаи Пешвои миллат – Раҳнамои ҷавонон барои имрӯзу ояндаи дурахшон" бахшида ба 20-солагии Ваҳдати миллӣ ва соли ҷавонон 18-19 майи соли 2017. – Душанбе: 2017. – С. 162-164.

[7-М. Сайфиддинова, Г. Баррасии масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар матбуоти хусусӣ / Г. Сайфиддинова // Журналистика ва замони муосир (Масъалаҳои назарӣ ва таърихи матбуоти даврии тоҷик) (Маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ бахшида ба Рӯзи матбуот ва ба ифтихори 60-солагии омӯзгор ва муҳаққиқи журналистика Шарифзода Қироншоҳ, 13 марти соли 2018) Барориши 3 . – Душанбе: 2018. – С. 54-60.

[8-М]. Сайфиддинова, Г. Таносуби проблемаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар нашрияҳои "Ҷумҳурият" ва "Озодагон" / Г. Сайфиддинова // Маводи Конференсияи Ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи "Масъалаҳои мубрами забон ва услуби воситаҳои ахбори омма" (ш. Душанбе, 17-18-уми октябри соли 2019). – Душанбе: 2019. – С. 240-251.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шӯрои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

I. Номзади илмҳои филологӣ, саромӯзгори кафедраи рӯзноманигории ДДБ ба номи Носири Хусрав Маъмурзода Носирҷон эродҳои зеринро нишон додааст:

1. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нашрияи даврии "Шуғл ва муҳоҷират", инчунин якчанд варақаҳои махсуси иттилоотиву маърифатӣ (Созмони Байналмилалии Муҳоҷират, ташкилоти ҷамъиятии "Муҳоҷират"), ки муҳтавояшон сирф ба масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ бахшида шудааст, ба

чоп мерасанд. Хуб мебуд, ки диссертант дар рисолааш ба мавҷудияти ин нашрияҳои соҳавӣ низ таваҷҷуҳ мекард.

2. Дар фишурда гоҳе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд (масалан, дар саҳифаи 7 фасли дуюми боби якум “фасли дуюми боби дуюм” омадааст).

3. Дар фишурдаи диссертатсия ҳамчунин нишондиҳандаи асосии мубрамияти проблемаи муҳоҷирони меҳнатӣ дар нашрияҳои “Ҷумҳурият” ва “Озодагон” теъдоди мушаххаси маводи чопшуда дар давраи интихобгардида (солҳои 2000-2015) нишон дода нашудааст. Дар сурати муайян намудани он маълум мегардид, ки оё проблемаи муҳоҷирати меҳнатӣ барои ин нашрияҳо мавзӯи афзалиятдор ба ҳисоб меравад ё хайр.

4. Дар фишурдаи рисола доир ба махсусиятҳои бозтоби образи муҳоҷири меҳнатии тоҷик, корномаи муҳоҷирони меҳнати муваффақ, матлабҳои вокунишӣ ба маводи бухтономезу бадномкунандаи ВАО-и Россия намунаҳои барҷаста аз матбуоти даврии Тоҷикистон нишон дода нашудааст.

II. Сардори Маркази матбуоти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон номзади илмҳои филологӣ Сафарзода Эҳсон доир ба комёбиҳои муаллифи рисола андешаҳояшро иброз намуда, эродҳояшро доир ба автореферат чунин баён намудааст:

1. Дар автореферат баъзе ғалатҳои имлоию граматикӣ ва техникӣ ба назар мерасад, услуби ягона риоя нашудааст. Масалан, дар баъзе ҷой сухан аз номи диссертант ва дар баъзе мавқеъ аз номи шахси сеюм меравад.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд мекунад**, ки мавзӯи мазкур аз ҷониби Сайфиддинова Гулчеҳра Азимовна дар илми публитсистикаи тоҷик бори аввал **коркард карда шудааст**.

Масъалаи муҳоҷирати меҳнатӣ мавзӯи актуалӣ буда, гарчанде расонаҳои хабарӣ ин масъаларо пайгирӣ кардаанд, аммо ҷиҳатҳои илмиву назариявии он нисбатан камтаҳқиқ мебошад, ки барои равшан сохтани он мавриди пажуҳиши мо қарор гирифта, барои ҳимоя **пешниҳод шудааст.**

Муҳоҷират барои ҷомеаи рӯзноманигорӣ яке аз ангезаҳои таъсиргузор буда, дар инъикоси ҷараёни васоити ахбори омма, бахусус матбуоти даврӣ нақши муҳим дорад. ВАО ба ҳалли мушкилоти иҷтимоиву фарҳангии марбут ба он ёрии бевосита мерасонад **исбот шудааст,** ки дар диссертатсия матбуот на танҳо вазъи ҷараёни муҳоҷират ва душвориҳои ба

он марбутро инъикос менамояд, балки чеҳраи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии муҳоҷирро ҳамчун типи иҷтимоӣ ба вуҷуд меорад.

Дар замони муосир, ки ҷараёни муҳоҷират суръати тоза пайдо кардааст, омӯзиш, таҳқиқ ва баррасии нақши ВАО, бавижа матбуоти даврӣ дар инъикоси ҳаёти муҳоҷирони меҳнатӣ, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва иҷтимоии онҳо аз мавзӯъҳои муҳими публитсистикашиносии тоҷик маҳсуб ёфта, нишон додани мавқеи манфӣ ва мусбати он ҷорӣ шудааст.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқ** бо он асоснок карда шудааст, ки дар диссертатсия ҷанбаҳои назарии масъалаи муҳоҷират, муҳоҷирати меҳнатӣ, роҳу равишҳои маърифат ва инъикоси онро дар ВАО, бахусус матбуоти даврӣ таҳким ёфта, доираи омӯзиш ин мавзӯъро дар публитсистикашиносии тоҷик мукаммал мегардонад. Ҳамчунин он ба дарки ҷараёни сохтани имиҷи «муҳоҷири меҳнатӣ» дар ВАО мусоидат карда, моҳияти таъсири онро ба табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ равшан месозад.

Вобаста ба масъалагузорӣ дар диссертатсия услуби муайяни мавзӯъ дар ҷараёни таҳлилу баррасӣ аз осори илмиву назариявии муҳаққиқони барҷастаи ватанию хориҷӣ, аз қабили А. Бандура, Ж.А. Зайончковская, С.К. Бондырев, Т.Н. Юдина, Х.У. Умаров, Р. Ӯлмасов, В.Н. Василенко, Ф.С. Исломов, Р. Абдулҳаев, Р. А. Абдулҳаев, М. Бобохонов, Ҳ. Шарифов, С. Олимова, А.Н. Нуралиев, А. Ортиқов ва дигар олимони маъруф омӯхта шудааст.

Дар диссертатсия методҳои таърихӣ – хронологӣ, ҳуқуқӣ, таҳлили муқоисавӣ –тартибӣ истифода шудаанд.

**Исбот шудааст**, ки диссертатсия дар омӯзиши ҷанбаҳои таърихиву ҳуқуқии муҳоҷирати меҳнатӣ ва нақши матбуоти даврӣ дар инъикос ва ташаккули имиҷи муҳоҷирони тоҷик судманд аст.Ҷустуҷӯйҳои унвонҷӯ паҳлуҳои гуногуни масъаларо фаро гирифта, барои ошкор намудани вазъи муҳоҷирати меҳнатӣ, тамоюли мусбату манфии он ва мавқеи иҷтимоии инсон дар ҷараёни ҳодисаҳо мусоидат карда метавонад.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки** натиҷаҳои илмии бадастовардаи ӯ ҷанбаҳои амалии журналистика ва публитсистикашиносии тоҷикро дар таҳқиқи масъалаҳои алоқаманд ба муҳоҷирати меҳнатӣ қувват бахшида, вижагиҳои инъикоси масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатиро дар

матбуоти даврии муосири тоҷик баён мекунад. Ҳамчунин маводи диссертатсия ва хулосаҳои бадастовардаро ҳангоми навиштани мақола, таълифи китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ, гузаронидани курсҳои таълимии ихтисосӣ дар соҳаи рӯзноманигорӣ метавон мавриди истифода қарор дод.

**Ғоя** дар асоси таҷриба ва асарҳои илмию бунёдии М. Бобохонов, Н. Н. Нуралиев, А. Саъдуллоев, И. К. Усмонов, А. Азимов, М. Муқимов, М. Муродов, М. Абдуллозода, Ш. Муллоев ва дигар муҳаққиқони маъруф **истифода шудааст**.

Вижагиҳои инъикоси масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар матбуоти даврӣ бо назардошти ҷанбаҳои таърихӣ, ҳуқуқӣ, жанрӣ ва тамоюлҳои шаклгирии имиҷи муҳоҷирати меҳнатӣ **муайян шудааст.**

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар он зоҳир мегардад, ки ӯ муддати 7 сол дар баробари фаъолиятҳои зиёди корӣ ба ҷамъоварии маводи илмӣ, омӯзиши адабиёти назариявӣ, таҳлилу баррасии маводи нашрияҳои даврӣ, таснифи маводи гирдовардашуда ба гурӯҳҳои муайян машғул гардида, дар ин самт мақолаҳои илмӣ ва публитсистӣ таълиф намуда, дар конфронсҳои сатҳи гуногун маърӯзаҳо кардааст.

Унвонҷӯ муаллифи 8 мақолаи илмӣ мебошад, ки аз ин 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

Дар ҷаласаи 24. 12. 2020 Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 назди ДМТ қарори сазовор донистани Сайфиддинова Гулчеҳра Азимовна бо дараҷаи илмии номзади илми филологӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шӯрои диссертатсионӣ 15 нафар иштирок доштанд, аз инҳо 4 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ. Аз 20 нафар аъзои ба ҳайати Шӯрои диссертатсионӣ шомилбуда, овоз доданд: тарафдор 15 нафар, муқобил нест, бюллетенҳои беэътибор нест.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои филологӣ, профессор** **Раҷабов Ҳ. Р.**

**Котиби илмии Шӯрои**
**диссертатсионӣ, номзади**
**илмҳои филологӣ, дотсент** **Гулназарова Ж. Б.**